ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН
МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ РЕСПУБЛИКА

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АДАБИЁТ БАРОИ СИНФИ VIII

Тошканд 2018

## Мактуби эзоҳӣ

Дар синфҳои ибтидоии мактабҳои миёна мазмуни донишҳои аз забони модарӣ омӯзонидашаванда мавофиқи нақшаи таълимӣ доир ба намудҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттии забони тоҷикӣ, тағйирёбии калимаҳо ва дар ҷумлаҳо ба ҳам пайваст шудани калимаҳо, таркиби калима, тартиб додани ҷумла, қоидаҳои беғалат навиштан ва дуруст гузоштани аломатҳои китобиро дар бар мегирад. Инчунин, аз синфи ибтидоӣ сар карда омӯзиш дар доираи Ташкилоти тараққиёт ва ҳамкориҳои иқтисодӣ (англисӣ–Organisation for Economic Cooperation and Development (OECD)), Барномаи байналмилалии баҳогузории донишомӯзон (англисӣ–Programme for International Stғdent Assessment, PISA) ва мониторинги байналмилалии сифати таълими математика ва фанҳои табиӣ дар мактаб, ки аз ҷониби Иттиҳоди байналмилалии баҳогузории комёбиҳои таълим (англисӣ–Trends in Mathematics and Science Stғdy,TIMSS) ташкил ёфтааст, барои инкишофи саводомӯзии шогирдон дорои аҳамияти муҳим аст.

**Мақсади асосии омӯзонидани забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ (синфҳои I - IV)** ба камол расонидани шахси фикри худро шифоҳӣ ва хаттӣ дуруст ва равон баёнкунанда, мустақил ва эҷодкорона фикркунанда, фикри дигаронро дарккунанда, маданияти нутқ ва мулоқотро донанда мебошад.

**Вазифаи асосии таълими забони модарӣ дар мактабҳои таълими миёнаи умумӣ:** доштани фикри шахсии донишомӯз, дарк намудани фикри дигарон, инкишоф додани босаводона баён намудани нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ба донишомӯзон дониши доир ба грамматика (доир ба мафҳуми фонетика, лексикология, таркиби калима, сохти калима, морфология, синтаксис, имлои навишт, аломатҳои китобӣ, услубҳои нутқ)-ро инкишоф додан ва

аз доираи васеъи забони модарӣ истифода бурда, равон, бехато фикри худро баён намуданро омӯзонидан.

**Дар таълими ибтидоӣ** – барои таъмини саводомӯзии донишомӯзон, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо ба меъёрҳои адабии нутқ риоя кардан омӯзонида мешавад.

Даври саводхонӣ аз ибтидои моҳи сентябр оғоз ёфта, то охири декабр, яъне ду чоряки соли таҳсилро фаро мегирад. Ҷараёни омӯхтани савод аз тайёрӣ бо Иди Алифбо ташкил меёбад. Таълими то алифбо ва даври алифбои саводомӯзӣ бо усули овозии таҳлилию таркибӣ (аналитикию синтетикӣ) амалӣ мешавад. Мувофиқи тарзи омӯзонидани таҳлилию таркибӣ аз матн ҷумла, аз ҷумла калима, аз калима ҳиҷо ва овоз, ёки баръакс овоз > ҳиҷо > калима > ҷумла> матн бо алоқаҳои узвӣ аз яклухт ба қисмҳо, аз қисмҳо ба яклухт нигоҳ карда таҳлил карда мешавад. Ин бошад барои дар асоси мезонҳои дидактикӣ фаъолияти фикрии бошууронаю мантиқдори донишомӯзонро инкишоф додан имконият ба вуҷуд меорад.

Аз рӯзҳои аввали саводомӯзӣ дар давраи таълими ибтидоӣ ба инкишофи нутқи донишомӯзон, яъне аз ҳисоби калимаҳои нав бой гардонидани фонди луғавии вай эътибори алоҳида дода мешавад.

Забони модарӣ барои инкишоф додани малакаи озодона фикр намудан, фикри дигаронро дарк кардан, фикрҳои худро бо тарзи даҳонӣ ё хаттӣ баён карда тавонистан, бо одамон мулоқоти озодона доштани донишомӯзон хизмат мекунад.

**Омӯзиши ҳусни хат.** Вазифаи асосӣ аз омӯзонидани ҳусни хат такмилдиҳии бехато ва зебо навиштани ҳарф, калима, ҷумла ва матн аст. Дар ҷараёни ёд гирифтани навиштан донишомӯз шакли ҳарф, калима ва ҷумларо аз китоб ё тахтаи синф бехато ва ба

қоидаҳои ҳусни хат риоя намуда кӯчонад, навиштаҳояшро санҷида, хатоҳо ва камбудиҳои графикии худро бо роҳбарии омӯзгор бояд худаш ислоҳ намояд. Дар ин давра фаъолияти шунида навиштан ҳам такмил меёбад.

Аз нимсолаи дуюми соли хониши синфи 1 сар карда, малакаи ҳусни хат такмил дода мешавад. Ҳамчунин дар синфҳои 2-4 бошад дар ҳар дарси забони модарӣ 5-8 дақиқа барои ҳусни хат ҷудо карда мешавад.

**Натиҷаҳои фаъолияти донишомӯз ва талаботи азхудкунӣ:**

– Фаъолияти хешро дар рафти дарс намоён карда метавонад.

– Бо китоби дарси кор карда метавонад.

– Мавҳуми нутқи даҳонӣ ва хаттиро бо мисолҳо фарқ карда метавонад.

– Бо маълумотҳои дахлдор чӣ будани калима, ҳиҷоро медонад.

– Овозҳои садонок ва ҳамсадоро сарфаҳм меравад, инчунин ҳиҷо, калима, ҷумларо фарқ карда метавонад.

– Мавҳуми ҷумларо медонад.

– Мазмуни мавзӯъҳои омӯхташаванда, қоидаҳои зарурӣ, машқ ва талабҳои онро бо тартиб иҷро менамояд ва фарқ карда метавонад.

– Аз силсилаи мисолҳо калимаҳои мустақилмаъноро муайян карда метавонад ва аз рӯйи намуна аз ӯҳдаи калимаинтихобкунӣ мебарояд.

–Аз рӯйи расм ва мазмуни он матни ҳаҷман хурди мантиқдор тартиб дода метавонад.

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ VIII.
*(ҳафтае 2 соат, ҳамагӣ 68 соат)*

## ВАЗЪИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК (2 СОАТ)

Таърихи таҳаввули забони тоҷикӣ. Маълумот дар хусуси имлои нави забони тоҷикӣ.

## НАҲВ ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ (ТАКРОРИ МАВОДИ СИНФИ VII) (13 СОАТ)

Ибора. Ибораҳои исмӣ, сифатӣ ва феълӣ. Қолибҳои содда ва мураккаби ин ибораҳо. Воситаҳои грамматикии ташкили ибораҳои мазкур. Алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумла.

Ҷумла. Сохти ҷумла: Ҷумлаҳои содда ва мураккаб. Ҷумлаҳои соддаи хуллас ва тафсилӣ. Ҷумлаҳои соддаи дутаркиба ва яктаркиба.

Сараъзоҳои ҷумла ва тарзи ифодаи онҳо. Мубтадои содда ва таркибӣ. Хабарҳои феълӣ ва номӣ. Мувофиқати хабар бо мубтадо.

Аъзоҳои пайрави ҷумла: муайянкунанда, пуркунанда ва хелҳои он. Ҳол ва хелҳои он. Такрорӣ.

## ҶУМЛАҲОИ СОДДАИ ЯКТАРКИБА (9 СОАТ)

Хелҳои асосии ҷумлаҳои соддаи яктаркиба: ҷумлаҳои яктаркиба бо хабар, ҷумлаҳои яктаркиба бо мубтадо. Навъҳои ҷумлаҳои яктаркиба дорои хабар: ҷумлаҳои муайяншахс, номуайяншахс, бешахс. Ҷумлаҳои унвонӣ. Ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ. Таҳлили наҳвии ҷумлаҳои  соддаи яктаркиба. Такрорӣ

## ҶУМЛАҲОИ НОПУРРА ВА ПУРРА (2 СОАТ)

Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои нопурра. Фарқи ҷумлаҳо нопурра ва ҷумлаҳои пурра. Мавриди асосии корбурди ҷумлаҳои нопурра ва аломати китобат дар онҳо.

## ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО (10 СОАТ)

Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо. Таркиби аъзоҳои чида. Мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда ва ҳоли чида. Оҳанг ва пайвандак дар ҷумлаи чидааъзо. Пайванди аъзоҳои чида тавассути пайвандакҳои пайвасткунанда: пайвандакҳои паиҳам, ҷудоӣ ва хилофӣ. Истифодаи вергул дар байни аъзоҳои чида.

Калимаю ибораҳои хулосакунанда. Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои чидааъзои дорои калима ибораҳои хулосакунанда. Таҳлили наҳвии ҷумлаҳои  чидааъзо.

## АЪЗОҲОИ ИСТИСНОИИ ҶУМЛА (6 СОАТ)

Маълумоти умумӣ дар бораи аъзоҳои истисноии ҷумла. Баёнияи истисноӣ. Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ. Навиштани мақолаи публитсистӣ. Муайянкунандаи истисноӣ. Пуркунандаи истисноӣ. Ҳоли истисноӣ. Оҳанги талаффузи аъзоҳои истисноии ҷумла ва истифодаи аломатҳои китобат дар онҳо.

## ВОҲИДҲОИ ТАВЗЕҲӢ (3 СОАТ)

Воҳидҳои тавзеҳӣ ва фарқи онҳо аз аъзоҳои истисноии ҷумла. Тарзи корбурди воҳидҳои тавзеҳӣ. Истифодаи воҳидҳои тавзеҳӣ барои ифодаи муносибати муайянкунандагӣ, пуркунандагӣ ва ҳолӣ. Оҳанги талаффузи воҳидҳои тавзеҳӣ ва корбурди аломатҳои китобат дар онҳо.

## МУХОТАБ. КАЛИМА. ИБОРА ВА ҶУМЛАҲОИ ТУФАЙЛӢ (8 СОАТ)

Ифодаи мухотаб. Мухотабхои шахсӣ ва ғайршахсӣ. Ҷои мухотаб дар ҷумла. Аломатҳои китобат дар мухотаб.

Калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ. Хелҳои воҳидҳои туфайлӣ аз ҷиҳати маъно. Оҳанги баёни калима. Ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ. Корбурди аломатҳои китобат дар онҳо. Такрорӣ

## НУТҚИ АЙНАН ВА МАЗМУНАН НАҚЛШУДА (7 СОАТ)

Маълумот дар бораи нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Ҷумлаҳое, ки нутқи айнан доранд. Аломати китобат дар онҳо ҷумлаҳое, ки нутқи айнан доранд. Аломати китобат дар онҳо. Ҷумлаҳое, ки нутқи мазмунан нақлшуда доранд. Роҳҳои баргардонидани нутқи айнан ба нутқи мазмунан нақлшуда. Иқтибосот ва аломатҳои китобат дар онҳо. Такрорӣ

## ТАКМИЛИ НУТҚИ МУРАТТАБИ ШИФОҲӢ ВА ХАТТӢ (4 СОАТ)

Такрори маълумот оид ба услубҳои нутқ. Мавзӯи матн ва сохти он.
Нақли рӯйдодҳои муҳими таърихӣ (мувофиқи хости омӯзгор).

Иншо дар мавзӯъҳои «Нон ҳам нон - нонреза ҳам нон», «Об-сарчашмаи ҳаёт».
Нақл доир ба ягон ҷамъомад ё маҳфили пуртантана. Нақли роҷеъ ба ёдгориҳои таърихии маданӣ.

Иншо доир ба қаҳрамонҳои алоҳидаи асари бадеӣ (аз рӯи асарҳое, ки муаллим пешниҳод кардааст).

Тасвири ҳавливу масканҳои (кӯча, деҳа, шаҳр) таърихӣ. Навистани иншои муҳокима доир ба мавзӯъҳое, ки тавсия мешаванд, аз қабили: «Хулқи хуб», «Дӯсти ҳақиқӣ кист?», «Падари ман» ва ғайра.

Иншои тафсирӣ доир ба мавзӯи «Тирамоҳ». Навистани мақла оид ба воқеаҳои муҳим, ки дар мактаб ва зодгоҳи хонанда ба вуқӯъ омадаанд.

Тарзи навишти ариза ва тарҷимаи ҳол.

Нақли шифоҳӣ ва хаттӣ дар бораи комёбиҳои тозаи илму маданият.

Нақли шифоҳӣ ё хаттӣ доир ба сохтмонҳои навбунёд.

## ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ СОЛОНА (4 СОАТ)

Ҷумлаҳои соддаи яктаркиба. Ҷумлаҳои пурра ва нопурра. Ҷумлаҳои унвонӣ. Ҷумлаҳои чидааъзо. Аъзоҳои истинсноии ҷумла. Воҳидҳои тафайлӣ.

**Талабҳои асосӣ оид ба дониш, малака ва маҳорати донишомӯзони синфи VIII**

Бояд донанд ва тавонанд:

- аз синтаксис: Ибора ва хелҳои он. Сохти ибора. Ҷумла ва сохти он. Ҷумлаҳои содда ва мураккаб. Сараъзоҳои ҷумла, аъзоҳои пайрави ҷумла ва тарзи ифодаи онҳо. Ҷумлаҳои яктаркиба ва хелҳои он. Ҷумлаҳои нопурра. Ҷумлаи чидааъзо ва истифодаи навъҳои мухталифи пайвандакҳо бо онҳо. Аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои чидааъзо. Калимаҳои хулосакунанда, истифодаи аломатҳои китобат пеш аз ва пас аз онҳо. Аъзоҳои истисноии ҷумла. Воҳидҳои тавзеҳӣ. Мухотаб. Калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ. Корбасти аломатҳои китобат дар онҳо.

  Фарқ кардани ибора аз ҷумла. Дарёфти ҷумла бо хелҳо аз матн. Таъин намудани аъзоҳои ҷумла. Ҷудо кардани сараъзо ва аъзоҳои пайрав. Фарқ кардани ҷумлаҳои яктаркиба, ҷумлаҳои чидааъзо, аъзоҳои истисноӣ, воҳидҳои тавзеҳӣ, калима ва ибора, ҷумлаҳои туфайлӣ, ҷумлаҳои дорои нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда. Таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои содда. Риояи тарзи хондани ҷумлаҳое, ки мухотаб, калима ва ибораҳои истисноӣ, воҳидҳои эзоҳӣ, калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ доранд.
- аз имло: Нишон додани аломати китобатии охири ҷумла ва эзоҳӣ сабаби корбурди он. Кор фармудани тире дар байни мубтадо ва хабари ҷумлаҳое, ки бебандак воқеъ шудаанд. Ҷудо намудани аъзоҳои чида бо вергул аз якдигар. Мондани ду нуқта баъди калима ва ибораҳои хулосакунанда. Гузоштани тире пеш аз онҳо. Ҷудо кардани мухотаб, воҳидҳои тавзеҳӣ, калимаю ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ, калимаю ибораҳои истисноӣ бо вергул. Кор фармудани қавс дар воҳидҳои тавзеҳӣ. Ба кор бурдани ду нуқта, вергулу тире ё нохунак ва дигар аломатҳо дар ҷумлаҳои айнан ва мазмунан нақлшуда.
- аз услуб: Бо кадом услуб навишта шудани матн ва мавзӯи он. Хели нутқ (ҳикоя, тасвир, муҳокима). Нақли шифоҳӣ ва хаттӣ матнҳое, ки дар мавзӯъҳои илмӣ, матнҳои бадеии дорои унсурҳои муҳокима, тавсифи қаҳрамонҳо таълиф ёфтаанд. Навиштани нақл ва иншо дар мавзӯъҳои гуногун бо услуби бадеӣ: «Самарҳои моддӣ ва маънавии истиқлол», «Ӯзбекистон – Ватани ман», «Китоб – манбаи дониш», «Модарам», «Падарам», «Адиби дӯстдоштаи ман» ва монанди инҳо.

  Навиштани тарҷумаи ҳол, қарори маҷлис ва маҳфил, даъватнома, пур кардани хуҷҷатҳои расмӣ, дафтардорӣ ва ғ.

  Нақли шифоҳии афсонаҳои халқӣ нақли сӯҳбати иштирокчиёни Ҷанги Ватанӣ, марду занҳои номдор ва обрӯманди деҳа доир ба ҳодиса ва воқеаҳои аҷибу ибратомез бо риояи услуби гуфтугӯӣ.

## АДАБИЁТ СИНФИ VIII
## (68 соат, дар як хафта 2 соат)

### Муқаддима (1 соат)

Инъикоси бадеии ҳаёти халқ дар адабиёт. Алоқаи адабиёт бо ҳаёти иҷтимоӣ. Аҳамияти адабиёти бадеӣ дар инкишофи ҷамъият. Хислати ба худ хос ва дараҷаи баланди маданияти қадими халқи тоҷик. Инкишофи адабиёти бадеӣ вобаста бо марҳилаҳои тараққиёти ҷамъият. Ҳиссиёти ватандӯстӣ дар адабиёти бадеӣ. Пайдоиш ва инкишофи жанру услубҳои гуногуни адабӣ дар давраҳои гуногун. Инъикоси симои ҳамзамонон дар адабиёти бадеӣ. Адабиёти бадеӣ воситаи асосии ташаккули забони адабӣ. Тамоюлҳои мусбат ва манфии инъикоси бадеии муаммоҳои зиндагӣ дар адабиёт. Адабиёти бадеӣ ва вазифаҳои он. Ҳақиқати ҳаётӣ ва ҳақиқати бадеӣ.

## АДАБИЁТИ ТОҶИК

### Абдураҳмони Ҷомӣ (4 соат)

Ҳаёти адабӣ – маданӣ дар асрҳои 15-16. Марҳилаи ҳаёти Абдураҳмони Ҷомӣ: давраи ҷавонӣ ва таҳсил дар мадраса; таҳсили минбаъда дар Самарқанд; аз худ намудани илмҳои дунёвӣ ва динӣ. Ҷомӣ — яке аз пешвоёни тариқати нақшбандия. Барои мулоқот бо Хоҷа Аҳрори Валӣ ба Самарқанд омадани ӯ. Эътироми аҳли илму адаб ва арбобони давлат нисбат ба Ҷомӣ то охири умраш.

Мероси адабии Ҷомӣ ва номгӯи бузургтарин асарҳои ӯ.

Анъанаи хамсанависиро инкишоф дода, миқдори маснавию достонҳои онро ба ҳафт расонидани Ҷомӣ.

Таҳлили достони "Юсуф ва Зулайхо". Манбаъ, сужет ва қаҳрамонҳои маркази достон. Юсуф — рамзи покии пайғамбарона, хушахлоқӣ нексиратӣ. Дар образи Зулайхо таҷассум гардидани суботкори дар роҳи ишқи пок. Мавқеи достони мазкур дар адабиёти форсу тоҷик.

Дар пайравии "Гулистон"-и Саъди таълиф шудани "Баҳористон".

Монандӣ ва фарқияти "Баҳористон" аз асари Саъдӣ дар банду баст, мавзӯъ, мазмун ва услуб. Мақоми ҳикоятҳои ахлоқӣ, тамсилҳо, латифаҳои халқӣ дар "Баҳористон" Таҳлили ҳикоятҳои "Ҳотами Той ва ятим", "Каждум ва сангпушт"; аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқии ин ҳикоятҳо. Ташкили навиштани кори хаттӣ.

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи ҳикоят, қитъа, мавзӯъ ва ғояи асари бадеӣ (1 соат).

### Алишер Навоӣ (Фонӣ) (3 соат)

Ҷараёни ҳаёт ва ва эҷодиёти Алишер Навоӣ. Алишер Навоӣ — асосгузори адабиёти мумтози ӯзбек. Мавқеи Алишер Навоӣ дар

адабиёти тоҷик. Мавзӯъ ва мундариҷа, жанрҳои эҷодиёти бадеии Алишер Навоӣ.

Девонҳои лирикии Алишер Навоӣ. "Хазоин ул маъонӣ" ва қисматҳои он. Шарҳи ғазали "Очмагай эрдинг жамолинг оламоро кошки" ва муносибати Абдураҳмони Ҷомӣ ба ин ғазал.

"Девони фонӣ" ва ашъори тоҷикии Навоӣ. Навоӣ — давомдиҳандаи беҳтарин анъанаҳои назми мумтози форсу тоҷик.

"Хамса" ва достонҳои он. Дар "Фарҳод ва Ширин" ифода ёфтани ақидаҳои инсонпарварӣ, меҳнатдӯстӣ, дӯстии байни халқҳо.

Тарҷумаи асарҳои Навоӣ ба забони тоҷикӣ.

Шӯҳрати ҷаҳонии Навоӣ.

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи анъана ва навоварӣ (1 соат).

### Камолиддин Биноӣ (3 соат)

Шарҳи ҳоли Биноӣ. Мероси адабии шоир. Мавзӯъ ва мундариҷаи онҳо.

Маснавии "Беҳрӯзу Баҳром". Сужет ва тарзи устухонбандии асар. Мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии достон. Таҳлили образҳои асосии асар. Дар образи Беҳрӯз ҷамъбаст гардидани афкори пешқадами адиб. Аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқии маснавӣ. Таҳлили яке аз ҳикоятҳои он.

### Зайниддин Маҳмуди Восифӣ  (3 соат)

Ҷараёни зиндагии Восифӣ ва давраҳои он. Мероси адабии нависанда.

"Бадоеъ-ул-вақоеъ" — намудаи барҷастаи асари ёддоштӣ. Таркиби асар ва услуби таълифи он. Мавзӯъҳои асосии "Бадоеъ-ул-вақоеъ": танқиди шоҳону ҳокимони золим ва нуқсонҳои ҷамъияти феодалӣ дар асар. Тарғиби илму ҳунар ва муносибати Восифӣ ба намояндагони он. Фикрҳои панду ахлоқии нависанда дар "Бадоеъ ул вақоъ". Дар саҳифаҳои он ҷой дода шудани ашъори парокандаи худи Восифӣ. "Бадоеъ ул вақоъ" ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва мавқеи эҷодиёти шифоҳии халқ дар он.

Таҳлили мазмун ва ғояи ҳикояҳои "Беҳзод ва сурати Навоӣ", "Зиёрати Ҷомӣ", "Паҳлавон Абӯсаид ва гӯштин гирифтани он бо паҳлавон Муҳаммади Молонӣ".

"Бадоеъ ул вақоеъ" ҳамчун намунаи насри бадеии асрҳои XV—XVI. Хусусиятҳои бадеии асар. Забон ва услуби баён.

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи ёддошти бадеӣ (1 соат).

### Бадриддин Ҳилолӣ  (4 соат)

Оғози фаъолияти ӯ дар замони Навоӣ. Нашъунамои эҷодии шоир дар охирҳои асри XV ва аввалҳои асри XVI дар давраи ҳукмронии шайбониён. Сабабҳои ба қатл расонида шудани Ҳилолӣ.

Мероси адабии Ҳилолӣ. Ҳилолӣ — шоири лирик ва устоди ғазал. Шӯҳрат ва маҳбубияти ӯ дар байни мардуми тоҷик хамчун шоири ғазалсаро. Таҳлили ғазалҳои ҷудогонаи Ҳилолӣ. Самимияти эҳсосоти ошиқона, соддагӣ, табиият ва равонӣ — хусусияти асосии ғазалҳои Ҳилолӣ.

Достонҳои Ҳилолӣ. Мавзӯъ ва мундариҷаи онҳо.

"Лайлӣ ва Маҷнун" — достони ишқи пок. Мазмуни мухтасар ва тавсифи образҳои асосии асар. Дар образҳои Лайлӣ ва Маҷнун ифода ёфтани ишқи пок, садоқату вафодори, устувори дар роҳи расидан ба мақсад. Баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи "Лайлӣ ва Маҷнун"-и Ҳилолӣ аз достонҳои ҳамноми шоирони гузашта.

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи санъати тазод (1 соат).

### Абдураҳмони Мушфиқӣ (3 соат)

Маълумот дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти адиб. Мавзӯъ ва мундариҷаи асарҳои Мушфиқӣ. Мавқеи ҳаҷв дар эҷодиёти ӯ. Мушфиқӣ — қаҳрамони латитфаҳои халқӣ.

Шеъри "Тақсими мерос" ва мундариҷаи ғоявии он.

Ақидаҳои иҷтимоӣ-эътирозии шоир дар шеъри "Шикоят аз зулм".

Таҳлили шеърҳои "Ин вайронаро оташ занам", "Ин замон хун мехӯрам".

### Адабиёти асрҳои XVII ва нимаи якуми асри XIX (2 соат)

Характеристикаи доираҳои адабии Бухоро, Хӯқанд. Инкишоф ётани адабиёти дузабони тоҷикию ӯзбекӣ. Зиёд шудани майлҳои тасвири реалистӣ дар адабиёти ин давр.

Мавзӯъҳои асосӣ ва мазмуни ғоявии адабиёти ин давр: танқиди нуқсонҳои ҷамъиятӣ, аҳволи вазнини халқи меҳнаткаш, танқиди аҳли ҷоҳ. Инъикос ёфтани мавзӯъҳои мазкур дар эҷодиёти шоирони тараққийпарвари ин давр: Бедил, Сайидо, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Гулханӣ, Ҳозиқ, Маъдан.

Маълумот дар бораи ҳаё ва фаъолияти эҷодии шоираҳои дузабонаи давр: Нодира-Макнуна, Дилшоди Барно, Увайсӣ.

Хусусияти услубӣ ва забони назми ин давр.

"Шаҳрошӯб ва адабиёти ҳунармандӣ. Инкишфои жанри мухаммас дар ин давр.

### Соиби Табрезӣ (3 соат)

Ҳасби ҳол ва мероси адабии Соиб. Мавқеи ғазалиёт ва қасидаи шоир. Дар он ифода ёфтани хислатҳои наҷиби инсонӣ, аз қабили поктинатӣ, илмдӯстӣ, инсонпарварӣ, ҳақиқатнигорӣ ва ғайраҳо. Аз ҷиҳати мавзӯъ, мазмун ва мундариҷа гуногун ва пурдомана будан ва масъалаҳои муҳими зиндагиро дар бар гирифтани эҷодиёти Соиб. Мавзӯъҳои панду ахлоқии шеърҳои шоир дар боби саъю кӯшиш, ростӣ ва дурустӣ, накӯи ва накӯкорӣ,

адлу инсоф, мардумдӯстӣ, беозорӣ, эҳсон ва мурувват, ҳиммат ва ҷавонмардӣ, дӯстӣ ва рафоқат, одоб ва тарзи сухангӯӣ, хоксорӣ ва ғайраҳо. Мавқеи санъати хаттотии ӯ. Таъсири эҷодиёти Соиб ба суханварони асрҳои минбаъда.Таҳлили ғазалҳои шоир.

### Сайидои Насафӣ (4 соат)

Зиндагиномаи Сайидо ва мероси адабии ӯ.

Мавқеи ғазалиёт ва мухаммас дар эҷодиёти шоир. Дар онҳо инъикос ёфтани тарғиби илму ҳунар ва хислатҳои беҳтарини инсонӣ: меҳнатдӯстӣ, накӯкорӣ, ростӣ.

"Баҳориёт"ва мазмуни мухтасари он. Сохт ва услуби асар. Таҳлили ғоявии образҳои Мӯрча ва Шер. Алоқамандии онҳо бо ҳаёти сиёсию иҷтимоии асри XVII — замони зиндагии шоир.

Санъати бадеӣ дар эҷодиёти Сайидо. Мавқеи зарбулмасал ва мақолҳои халқӣ дар асарҳои ӯ.

### Шавкати Бухороӣ (3 соат)

Ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти адабии Шавкат. Муаллифони сарчашмаҳо дар бораи Шавкат. Шавкат пайрави услуби ҳиндии назм дар Бухоро. Пайравии шоирони навпардози Мовароуннаҳр ба ашъори Шавкат.

Девони калони ғазалиёт ба мерос гузоштани Шавкат. Хусусиятҳои шеърҳои вай. Мазмунҳои ишқӣ, ҳасбиҳолӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, тасаввуфӣ, иҷтимоӣ ва монанди инҳоро нозуку дақиқ, образнок ифода кардани шоир. Офаридани маъниҳои тозаи шоирона, эҷоди образҳои нави шеърӣ ва равияи услуби ҳиндӣ — асоси тарзи ғазалсароии Шавкат.Таҳлили ғазалҳои "Накардам имтиёз аз соддагӣ", "Бай ғайри шӯъла маро гарм ҷои дигар нест", "Зи оби дидаи ман..."

**Назарияи адабиёт:** услуб ё худ сабки ҳиндӣ (1 соат).

### Зебуннисо (3 соат)

Шарҳи ҳоли адиба. Маълумот дар бораи фаъолияти эҷодии Зебуннисо. Мавзӯи шикоят аз аҳли ситам, тасвири ҳоли худ ва ишқу муҳаббат дар эҷодиёти шоира.Фикрҳои тарбиявӣ - ахлоқӣ дар эҷодиёти адиба.

Аҳамияти ғазалҳои шоира. Дар он акс ёфтани дӯстию рафоқат, олиҳимматӣ ва шуҷоат.

Мавзӯъ, мундариҷа ва сабку услуби ба худ хоси ғазалҳои ӯ.

### Малеҳои Самарқандӣ (3 соат)

Маълумот дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Малеҳои Самарқандӣ. Мероси адабии Малеҳо. Тазкираи "Музаккир ул асҳоб". Хусусиятҳои тазкира дар сохт ва тарзи маълумотдиҳӣ. Аҳвол ва намунаҳои осори асосан шоирони ду маркази адабии

Мовароуннаҳр — Бухоро ва Самарқандро фаро гирифтани тазкира. Аҳамияти бузурги тазкираи Малеҳо ҳамчун манбаи ягона барои омӯзиши адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVII.

Инъикоси вазъи иҷтимоии давр дар тазкираи Малеҳо. Ифодаи ақидаҳои эътирозии муаллиф дар тазкира.

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи тазкира (1 соат).

### Мирзо Абдуқодири Бедил (4 соат)

Зиндагиномаи Бедил. Мероси адабии ӯ. Тарғиби ғояҳои адолатпарварӣ, инсондӯстӣ, маърифатпарварӣ, ахлоқи нек, зидди тассуби динӣ дар шеърҳои лирикии шоир.

Достони "Комде ва Мадан". Сужети асар. Таҳлили образҳои асосии достон. Ҳусни таваҷҷӯҳи Бедил ба аҳли ҳунар ва ифода ёфтани афкори ӯ дар образҳои Комде ва Мадан.

Тараннуми ғояи дӯстии халқҳо дар достони "Комде ва Мадан". Хотимаи некбинонаи сужети асар ва навоварии Бедил дар масъала. Маълумот дар бораи услуби баёни Бедил ва забони асарҳои ӯ. Пайравони Бедил дар Осиёи Марказӣ.

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи забон ва услуби асари бадеӣ (1 соат).

### Муҳаммадшарифи Гулханӣ (2 соат)

Маълумот дар бораи ҳаёт ва замони зиндагии Гулханӣ. Муҳити адабии Хӯқанди ин давр. Мавқеи Гулханӣ дар байни онҳо. Гулханӣ шоири дузабона. Мавзӯъ ва мундариҷаи шеърҳои Гулханӣ. Таҳлили шеъри "Ҳазратам аз гушнагӣ мурдум..."

"Зарбулмасал" ва хусусияти жанриву бадеии он. Мазмуни умумии асар. Бар тарзи рамз, бо забон ва кирдору атвори паррандагон тасвир гардидани тартиботи ҷамъиятии ҳамонвақта дар асар. Муносибати муаллиф ба эҷодиёти шифоҳии халқ. Мавқеи "Зарбулмасал" дар адабиёти тоҷику ӯзбек.

### Абдулқодирхоҷаи Савдо (2 соат)

Зиндагиномаи адиб. Мероси адабии ӯ ва бо тахаллусҳои Савдо ва Бепул эҷод намудани адиб. Мавзӯъҳои асосии эҷодиёти Савдо. Тарғиби илму ҳунар ва танқиди мунофиқон ва риёкорон дар асарҳои Савдо. Хусусиятҳои ҳаҷви Савдо ва забони асарҳои ӯ.

Таҳлили шеърҳои "Ақли кул аст", "Эй дил", "Ёди он шаб".

**Назарияи адабиёт:** маълумот дар бораи ҳаҷв ва мутоибот (1 соат).

### Аҳмади Дониш (3 соат)

Зиндагиномаи Аҳмади Дониш. Бо худомӯзӣ ва касби камол машғул шуда илму ҳунар омӯхтани Аҳмади Дониш дар ҷавонӣ. Сафарҳои Аҳмади Дониш ба Петербург ва таъсири он сафарҳо ба равшанфикрию маърифатпарварии адиб ва олим.

Мероси адабӣ ва илмии Аҳмади Дониш. "Наводир ул вақоеъ" — маҷмӯи асарҳои мансури фалсафию иҷтимоӣ, таърихӣ, ахлоқӣ,

илмӣ ва адабии нависанда ва мутафаккири маорифпарвар. Танқиди нодонию ҷоҳилии амалдорони амир дар "Наводир ул вақоеъ". Фикрҳои маорифпарваронаи Дониш. Сабабҳои асосии ба амир ва надимони ӯ маъқул наафтодани фикрҳои Дониш.

Аҳамияти адабии "Наводир ул вақоеъ". Забон ва услуби асар. Таҳлили яке аз бобҳои он. Дар асарҳои Аҳмади Дониш ифода ёфтани хислати ватандӯстӣ, истиқлолиятхоҳӣ. Таъсири ғояҳои тараққипарвари Дониш ба ҳамзамонон ва адибони ибтидои асри XX.

**Шамсиддин Шоҳин (2 соат)**

Тарҷумаи ҳол ва мероси адабии Шоҳин. Мавзӯи асосӣ ва мундариҷаи ғоявии ғазалиёти шоир. Хусусиятҳои бадеии лирикаи Шоҳин. Таҳлили як-ду ғазали шоир. Ба воситаи мавзӯи ишқ ва образи ошиқ ифода гардидани оҳангҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, муносибати шахс ва ҷомеи инсонӣ, танқиди иллатҳои ҷамъиятӣ дар ғазалиёти шоир. Пайравии Шоҳин бо шоирони пешина дар ғазалсароӣ.

"Бадоеъ ус саноеъ" ва хусусиятҳои жанриву шаклии он. Бо услуби рамзию киноявӣ танқид ва тамасхур гардидани иллатҳои иҷтимоӣ ва ахлоқи разили мардуми давр. Нававарии шоир дар ин асар. Алоқамандии ҳодисаву воқеаҳои асар ва шароити замони адиб.

**АДАБИЁТИ ӮЗБЕК**

**Бобораҳим Машраб** (2 соат).

Сарнавишти Машраб. Мавзӯъ ва мундариҷаи ашъори Машраб. Омӯхта шудани эҷодиёти Машраб дар байни мардуми Осиёи Марказӣ дар қатори эҷодиёти ҳофиз, Навоӣ, Фузулӣ ва Бедил.

Хусусиятҳои ғоявӣ-бадеии ғазалиёти Машраб. Муносибати Машраб ба адабиёти тоҷик ва намояндагони он. Таъсири назми Саъдӣ, ҳайём, Ҳофиз, Бедил ба эҷодиёти Машраб.

Мавқеи Машраб дар адабиёти мумтози ӯзбек.

**Муҳаммад Аминхоҷаи Муқимӣ** (2 соат)

Зиндагиномаи шоир. Муқимӣ шоири лирик ва ҳаҷвнигор. Таҳлили шеъри "Танобчиён". Дар шеър тасвир ёфтани Ҳаёти мардуми меҳнаткаши замони зиндагии шоир ва танқид карда шудани порахӯрӣ, тороҷ карда шудани меҳнаткашон аз ҷониби амалдарон. Хусусияти ҳаҷви шоир.

Манзумаи "Саёҳатнома". Дар он инъикос ёфтани Ҳаёти тоқатфарсои мардуми деҳоти Фарғона дар асоси воқеаҳо ва ҷойҳои муайян. Хусусиятҳои ҳақиқатнигорона ва равияи ҳаҷвии асар.

Мавқеи Муқимӣ дар таърихи адабиёти ӯзбек.

## АДАБИЁТИ ҶАҲОН

**Нодири Нодирпур** (2 соат).

Зиндагиномаи адиб. Фаъолияти эҷодии Нодирпур ва муносибати ӯ бо шеъри нав.

Таҳлили шеъҳои "Шеъри ангур", «Кулбае дар сари мавҷ»,"Фонусе дар сапедорон", "Баъд аз ҳазор сол".

Мавқеи Нодирпур дар адабиёти муосири Ирон.

***Назарияи адабиёт:*** маълумот дар бораи шеъри нав ва хусусиятҳои он (1 соат).

**Азиз Несин (2 соат)**

Маълумот дар бораи ҳаёт ва роҳи эҷодии Азиз Несин.

Азиз Несин — нависандаи забардасти ҳаҷвнигори турк. Дар асарҳои вай инъикос гардидани иллатҳои ношоёни аъзоёни ҷамъият: макру фиреб, дурӯғгӯӣ, бадахлоқӣ ва ғайра.

Таҳлили ҳикояҳои "Дарси ахлоқ", "Ҳамдии фил", "Зинда бод кишвари азиз". Мавқеи Азиз Несин дар адабиёти ҷаҳон.

***Ҷамъи соатҳо:***

Барои омӯзиши асарҳо — 54 соат.

Барои корҳои хаттӣ — 10 соат.

Барои такрор — 4 соат.

**Матнҳо барои аз ёд кардан:**

Абдураҳмони Ҷомӣ. Панду ҳикматҳо, ғазалҳо (бо интихоби омӯзгор).

Алишер Навоӣ. Ғазалҳо (бо интихоби омӯзгор).

Бадриддин Ҳилолӣ . Аз "Ғазалиёт" (интихобан).

Абдураҳмони Мушфиқӣ. Шеъри "Тақсими мерос", аз ғазалҳо интихобан.

Сайидои Насафӣ. Шеърҳои "Дилам омад ба ёд", "Дар таърифи нонво», порчаҳо аз "Баҳориёт".

Бедил. Интихобан аз ғазалиёт ва рубоиёт.

**Асарҳо барои хониши берун аз синф:**

Абдураҳмони Ҷомӣ. "Баҳористон".

Алишер Навоӣ. "Лайлӣ ва Маҷнун".

Зайниддин Восифӣ. "Бадоеъ-ул-вақоеъ".

Камолиддин Бинои. "Беҳрӯзу Баҳром".

Сайидои Насафӣ. "Баҳориёт", "Шаҳрошӯб".

Мирзо Абдулқодири Бедил. "Комде ва Мадан".

Муҳаммадшариф Гулханӣ. "Зарбулмасал".

Аҳмади Дониш. "Наводир-ул-вақоеъ".

Рабиндранат Такур «Ҳалокат».

Азиз Несин. Маҷмӯаи "Фонус".

### Талаботи асосӣ оид ба дониш, маҳорат ва малакаи донишомӯзони синфи VIII

***Донишомӯзон бояд донанд:***

- мақсади нависанда дар асари бадеӣ, олами образҳо, дараҷаи бадеият ва ҳаётӣ будани характерҳоро;
- қимати эстетикии асарҳои манзум ва тарзи ифодаи онҳоро;
- хусусиятҳои ба худ хоси жанрҳои бадеиро;
- санъати тазод, образҳои бадеӣ, лирикаи гражданӣ барин унсурҳои адабиро.

***Донишомӯзон бояд тавонанд:***

- озодона иншо навиштан ва дар доираи имкон озодона ҳикоя карда тавонистани ҳодисаҳои ҳаётӣ;
- ба кадом жанр ва намуди адабиёти бадеӣ дахлдор будани асари мутолиашударо;
- ҳангоми хондани ифоданоки асари бадеӣ эътибор додан ба хусусиятҳои жанрии он;
- асарҳои адабиёти мумтозро бо ёрии луғат шарҳ додан;
- муайян карда тавонистани санъатҳои шеърӣ ва унсурҳои бадеиро.

**Намуди корҳои хаттӣ ва даҳонӣ аз адабиёт барои синфи VIII**

***Даҳонӣ:***

- хониши мавзуну бурро ва эътибор додан ба хусусиятҳои жанрии асар;
- хониши хомӯшона;
- аз ёд гуфта тавонистани матнҳои шеърӣ;
- тавсиф додан ба қаҳрамонони асарҳои насрӣ.

***Корҳои хаттӣ:***

- тартиб додани нақшаи содда ва мураккаб доир ба муқоисаи хислатҳои ду қаҳрамон ва ё гурӯҳи қаҳрамонони асари бадеӣ;
- нақли мухтасари хаттӣ бо унсурҳои тавсифи хислатҳои қаҳрамони асари бадеӣ;
- навиштани шарҳ бо ёрии луғат оиди асарҳои адабиёти мумтоз;
- навиштани иншо доир ба асарҳои омӯхташуда;
- навиштани иншо, тақриз ба асарҳои мустақилона ва берун аз синф хондашуда.